**Тақриз**

ба автореферати Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзуи: **“Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах”** барои дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Пахтапарварӣ яке аз соҳаи асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, рушди минбаъдаи он моҳияти хело ҳам калон дорад. Нахи пахта ҳамчун махсулоти нисбатан арзишнок буда, нисбат ба нахи сунъӣ афзалияти бештар дорад ва эҳтимол меравад, ки дар байни дигар намудҳои ашёи хоми нассоҷӣ ба муддати дароз бартарии худро нигоҳ хоҳад дошт.

Дар айни замон, дар Тоҷикистон навъҳои пахтаи зудрасу серҳосил кам нест, вале бо усули қонуниятҳои генгеткӣ ба ирсият гирифтани аломатҳои дохилинамудӣ ва байнинамудӣ ҳангоми дурагакунӣ аҳамияти илмӣ амалӣ дорад.

Дар шароити Тоҷикистони марказӣ бори аввал ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии $F_1$ ва $F_2$ дар мавриди дурагакунии навъҳои ватании серҳосили пахтаи миёнанах бо намунаҳои ҷуғрофӣ дур ба даст овардашудааст, муайян намуданд.

Инчунин бори аввал дар шароти Тоҷикистон коэффитсиентҳои ирсияти дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ аз нигоҳи аломатҳои морфологӣ, физиологӣ ва хоҷагидорӣ муайян карда аст.

Натиҷаҳои ба дастомадаро дар амалияи селекционӣ истифода бурдан мумкин аст, ин имконият медиҳад, ки талафи хосили пахтаро кам карда, сифати нахи онро беҳтар наояд.

Тадкикоти илмии бисёрсолаи муаллиф ҳаҷман зиёд буда, дар сатҳи хуби методӣ гузаронида шуда, навоварии тадкикотро инъикос намуда, барои истеҳсолот тавсияҳо пешниҳод кардааст.

Хулоса ба афтореферати Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзӯи: “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои

дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах" барои дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ ба анҷом расонида шуда, унвоҷӯй метавонад барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-064-и назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Муовини директор оид ба
илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои
илмии Институти хокшиносӣ ва
агрохимияи АИКТ Салимов Қ.Ҳ

Тасдиқ мекунам: имзои
Салимов Қ.Ҳ., нозири кадрҳо Шабнами Р.

Суроға: 734025 ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 21а. тел: 221-46-12,
факс: 221-32-07, khokshinos@mail.ru

21.11.2023